# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи номзадии Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи “Ономастикаи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Таҳқиқу омӯзиши номшиносӣ (ономастика), ки як ҷузъи ҷудонопазири таърихи миллат ва баёнгари давраҳои мухталифи рушду инкишофи забону фарҳанги ҷомеа ба шумор меравад, яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии муосир маҳсуб меёбад.

Дар ин росто, аз ҷониби унвонҷӯ Имамбердиева Саломат Менгликуловна интихоб ва мавриди таҳлилу пажӯҳиш қарор гирифтани мавзуи “Ономастикаи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ” як амри саривақтӣ ва иқдоми муҳиму шоиста арзёбӣ мегардад.

Навгонии асосии таҳқиқи мавриди назар дар таълифи рисолаи ҷудогонаи илмӣ оид ба ономастикаи асар (антропониму антротопоним) аз нигоҳи мавзуъ, вижагиҳои маъноиву луғавӣ, сохторӣ ва мансубияти забонӣ тасниф ва таҳқиқу таҳлил ба мушоҳида мерасад. Автореферати диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати мақолаҳои нашршуда иборат буда, муҳтавои асосии мавзуи таҳқиқшаванда аз ҷониби муаллиф дар ҳар як фасл ба таври мантиқӣ пажӯҳиш шудааст. Дар муқаддима муҳаққиқ аҳамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, мақсад ва ҳадафҳо, сарчашмаҳои асосии таҳқиқ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ, навгониҳои илмии таҳқиқ, методи таҳқиқ, саҳми шахсии муаллиф, масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқро баён кардааст.

Гузашта аз ин, дар автореферат дар бораи муайян кардани мавқеи номи ашхоси таърихӣ, шоҳон, уламо, донишмандон, таҳқиқ кардани қабатҳои луғавии антропониму антротопонимҳо, нишон додани мавқеи вижагиҳои луғавию семантикии маводи ономастикии асар дар масири таърих, баррасии вижагиҳои семантикии топоформантҳои асар ва ғайра маводи ҷолиб ва қобили мулоҳиза гирдоварӣ шудааст. Ҳамзамон, унвонҷӯ дар баробари ономастикаи асарро ба тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ ҷудо кардааст.

Инчунин, муҳаққиқ дар бораи онимҳои асар ибрози назар намуда, онҳоро аз рӯйи сохт ба сода, сохта, мураккаб ва онимҳо дар қолаби ибора ҷудо намудааст. Дар ин замина, шаклгирии морфологии онимҳоро бо истифода аз далелҳои илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Албатта, натиҷаи таҳқиқи рисола метавонад фарҳангномае тавлид ёбад, ки барои муҳақиқини забоншинос ёрии амалӣ расонад.

Дар автореферати рисола дар баробари дастовардҳо, чанд нуқсону камбудӣ низ мушоҳида мешавад, ки ислоҳи онҳо, ба андешаи мо, ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ба назари мо дар номи бобҳо омадани ибораи “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ” зиёдатӣ мебошад, зеро аз номи мавзух маълум аст, ки гап дар бораи ин асар аст.

2. Вақти шарҳи зерфаслҳо дар бисёр маврид мисолҳо 1-тогӣ (саҳифаҳои 18, 19, 20, 21)оварда шудаанд, ки кам аст. Агар аз ду мисол зиёд оварда мешуд, беҳтар мебуд.

3. Дар автореферат хатоҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳифаҳои 21, 22, 23, 25) дида мешавад.

4. Дар зерфасли 3.2.5. “Онимҳои омехта (гибрид)-и асар” номвожаҳои омехтаро омехта кардаед. Масалан номвожаи “Хоҷахон”-ро тоҷикӣ-арабӣ гуфтаед.

Бояд зикр кард, ки норасоиҳои номбаршуда ислоҳпазир буда, аҳамияти илмии авторефератро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи номзадии Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи **“Ономастикаи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ”** ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор аст.

**Муқарриз:**
Номзади илми филология,
Мудири Маркази матбуоти
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Рустамшо
Ҷаҳонгир Рустамшо

Нишонӣ:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16
Почтаи электронӣ: rustamshokh@mail.ru
Тел.: +(992) 981000219

«Имзои номзади илмҳои филологӣ
Рустамшо Ҷ.Р.-ро тасдиқ менамоям»

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«26» майи соли 2023